USAID
АЗ МАРДУМИ АМРИКО

Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

ФОНДИ ОГОХОН

# САНҶОБ



Китобчаи мазкур бо кӯмаки мардуми Амрико нашр шудааст, ки он аз тариқи
Оҷонсии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) расонида мешавад.
Мазмун ва мундариҷаи ин китоб маҳсули муаллиф буда, метавонад бо
нуқтаи назари USAID ва Ҳукумати ИМА мувофиқат накунад.





Буд, набуд, Санҷоб буд,
Дар мулки Панҷоб буд.

Эрка буду гӯл буд,
Нозу нузаш мӯл буд.



Ҳар чӣ диҳӣ: – Не! – мегуфт,
Гар надиҳӣ: – Те! – мегуфт.



Рӯзе очаш ош пухт,
Оши шӯламош пухт.





Санҷоби мо ноз кард,
Нахӯрду ароз кард.



– Ошаки ту шӯр! – гуфт,
– Худат бару хӯр! – гуфт.



Ногаҳ омад як боша,
Рабуд табақи оша.



Санҷоб гуфт: – Чӣ гап шуд?
Очааш гуфт: – Аҷаб шуд!



## Саволҳо:

1. Санҷоб чаро «не» мегуфту чаро «те» мегуфт?
2. Санҷоб чиро нахӯрду ароз кард ва чӣ гуфт?
3. Баъд чӣ шуд?

### Калонсолони гиромӣ!

Китобе, ки Шумо дар даст доред, барои инкишофи зеҳн, омӯзиши забони модарӣ ва бедор намудани шавқу ҳаваси кӯдакон ба китобу китобхонӣ омода гардидааст. Тавсияҳои муҳиме, ки мавриди истифодаи китоб ба Шумо ҳамчун роҳнамо кӯмак мерасонанд:

- Хуб мебуд, ки Шумо дар як рӯз аз 15–20 дақиқа то 35–40 дақиқа вақт ҷудо карда, бо кӯдак ҳамроҳ фаъолият намоед.
- Пеш аз ҳама китобро ба кӯдак диҳед, то ки мустақилона варақгардонӣ карда, аз тамошояш завқ барад, қаноатманд шавад. Дар вақти тамошо бо ӯ ҳамроҳ бошед ва расмҳои мувофиқ нишон дода, маълумоти заруриро ба кӯдак гуфта диҳед.
- Ҳар як асари бадеиро ботамкин, пурсаброна ва то ба охир хонда, нақл намоед. Доир ба афсонаи хондашуда якчанд супориш диҳед ва дар бораи суратҳо нақл кунед. Мавриди савол додани кӯдак, кӯшиш кунед, ки ба ӯ ҷавоби пурра диҳед.
- Бигузор кӯдак аз паси Шумо калима, ибора ва ҷумлаҳоро такрор кунад. Мавриди нақли асари бадеӣ нутқи адабии кӯдаконро инкишоф диҳед.
- Барои ба даст овардани муваффақият кӯдакро шавқманд намоед. Дар кӯдак боварӣ ба худро ташаккул диҳед.

**Комёбу муваффақ бошед!**